«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ
профессор__________Ибодуллозода А.И.
«_28_» ___ноябри_____2022

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

Диссертатсия дар мавзӯи «Таҳили луғавӣ-семантикии сифатҳои аслӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва франсавӣ (бар мабнои маводи адабиёти бадей)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20.Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ ва қиёсӣ аз тарафи Маликов Абдулвоҳид Расулҷонович дар кафедраи забони франсавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ба анҷом расидааст.

Маликов Абдулвоҳид Расулҷонович Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ-ро соли 2006 бо Дипломи ДТО № 0031666 ихтисоси забонҳои хориҷӣ хатм намуда, ҳоло ҳамчун саромӯзгори кафедраи забони франсавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ фаъолият карда истодааст.

Роҳбари илмӣ – Салимов Рустам Давлатович, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони русии Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон мебошад.

Мавзӯи диссертатсия дар ҷаласаи Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, аз 03 апрели соли 2015 таҳти №3/6.1-ОВ тасдиқ шудааст.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

**Аҳамияти илмии мавзӯъ.** Забонҳои тоҷикӣ ва франсавӣ аз ибтидо то ба имрӯз бо вуҷуди дигаргуниҳо асолати бунёдиашонро ҳифз намудаанд. Ин забонҳо дар тӯли таърихи худ барои соҳибонашон қобили фаҳм буда, аз ҳудуди қарнҳо бо тасаллути сулолаҳо ва ҳукуматҳои мухталифи бегонатабор, таҳаввулоти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва адабӣ дар низоми пайвастори маъноӣ ва сохторӣ дучори таҳаввулоти зиёд гардидаанд. Ин таҳаввулот ба луғоту истилоҳот, тағйирёбии унсурҳои маъноию ҷойгиршавии калимаву таркибот бештар ба назар мерасад. Аз ин рӯ баробари рушди ҷамъият, ки соҳаҳои гуногуни ҳаёт ва фаъолияти одамонро фаро мегирад, забон пайваста такомул ёфта, таркиби дастурии он мукаммал мешавад, захираи луғавиаш ғанӣ ва фарох мегардад. Мисоли равшани ин ҳодисаро метавон дар забонҳои тоҷикӣ ва франсавӣ мушоҳида намуд, зеро забонҳои мазкур дар пешрафти фарҳангу иқтисодиёти халқҳои соҳибзабон нақши муассир мебозанд. Рушду такомули забон бешубҳа дар назди забоншиносон вазифаҳои нав ба нави худро мегузорад.

**Мақсад ва вазифаҳои пажуҳиш.** Мақсад ва ҳадафҳои пажӯҳиш таҳлили луғавӣ-семантикии сифатҳои аслӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва франсавӣ дар заминаи муқоисаи забонҳои фавқуззикр ба шумор меравад.

Ҳадафи пажуҳиш бо назардошти ҳалли масъалаҳои зерин баррасӣ шудааст:

- муайян намудани ҳолати дараҷаи таҳқиқи сифат дар забонҳои тоҷикӣ ва франсавӣ;
- омӯзиш ва муқоисаи сифатҳои аслии забонҳои тоҷикӣ ва франсавӣ;
- муайян намудани ҷанбаҳои сохторӣ, грамматикӣ ва луғавию семантикии сифатҳои аслии забонҳои тоҷикӣ ва франсавӣ;
- таҳлилу таҳқиқи муфассали сифат ва дараҷаҳои он дар забонҳои тоҷикӣ ва франсавӣ бо овардани мисолҳои мушаххас;

- муайян ва мушаххас намудани ҷинсияти сифатҳо ва мутобиқати онҳо дар шахсу шумора дар забони франсавӣ;
- муайян ва мушаххас намудани умумият, шабоҳат ва тафовути забонҳои тоҷикӣ ва франсавӣ.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот.** Аҳамияти илмӣ-назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки ҳалли вазифаҳои дарпешгузошта имконият медиҳанд, ки хусусиятҳои типологии сифат дар забонҳои тоҷикӣ ва франсавӣ фарқ карда шаванд.

**Навоварии илмӣ.** Бори аввал аст, ки дар забоншиносии тоҷик сифатҳои аслӣ дар муқоиса бо забони франсавӣ бар мабнои адабиёти бадеӣ мавриди пажӯҳиш қарор дода шудааст.

Дар рисолаи мазкур таҳлили семантикию муқоисавии сифатҳои аслӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва франсавӣ аз нигоҳи муқоиса аввалин маротиба мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, хусусиятҳои луғавӣ, сохторӣ, семантикию синтаксисӣ ва типологӣ баррасӣ гардидаанд. Аз рӯи имкон бо дарназардошти рушди ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа мо кӯшиш ба харҷ додаем, ки сабабҳо ва роҳҳои муайяни омӯзиши ин ҳиссаи нутқ (сифат) муайян карда шаванд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии та*дқиқо*т** бошад дар он зоҳир мегардад, ки кор метавонад, ҳангоми корҳои илмии муқоисавӣ ва типологии дигар забонҳо, ҳангоми таълифи маводҳои илмию методӣ, навиштани китобҳои дарсӣ, таҳияи рисолаҳои дипломию корҳои курсӣ истифода шаванд.

Бобҳои диссертатсия мутобиқи мақсаду вазифаҳои гузошташуда тарҳрезӣ шуда, баррасию таҳқиқ дар сатҳи баланди илмӣ қарор дорад. Хулосаҳои диссертант илмӣ буда, ба талаботи навиштани рисолаҳои илмии мактабҳои Олӣ мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи мазкур, бешубҳа, кори илмии мукаммал ва ба анҷомрасида буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои

филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20.- Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ ва қиёсӣ мувофиқ аст.

Кафедраи забони франсавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ диссертатсияи Маликов Абдулвоҳид Расулҷоновичро кори илмии ба анҷомрасидаи мукаммалу мубрам меҳисобад. Диссертатсия дар сатҳи баланди илми-таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба талаботи кори диссертатсионӣ пурра ҷавобгӯ аст.

Фишурдаи диссертатсия мазмуну мухтавои корро пурра фаро гирифтааст. Аз шумори мақолаҳои чопшудаи диссертант нуҳтои он дар маҷаллаҳои таъйиднамудаи КОА назди Президенти ҶТ ва КОА ФР интишор гардидаанд:

[1-М]. Маликов А.Р. Сифатҳои аслӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва франсавӣ /А.Р. Маликов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ №2 (51) Душанбе 2013 саҳ.196-200 (ба забони тоҷикӣ).

[2-М]. Маликов А.Р. Дараҷаи олии сифат дар забонҳои тоҷикӣ ва франсавӣ. / А.Р. Маликов // Ахбори академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. №6 2013.- саҳ. 104-107. (ба забони тоҷикӣ).

[3-М]. Маликов А.Р. Мутобиқати сифатҳо ва ҷои онҳо дар ҷумла (дар забонҳои тоҷикӣ ва франсавӣ)./ А.Р. Маликов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. №3 (58), 2014 саҳ. 350-355 (ба забони тоҷикӣ).

[4-М]. Маликов А.Р. Хусусиятҳои умумӣ ва фарқияти сифатҳои аслӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ / А.Р. Маликов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ №4 (65), 2015 саҳ. 99-102. (ба забони тоҷикӣ).

[5-М]. Маликов А.Р. Ба воситаи сифатҳои аслӣ ифода гардидани хабар дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ / А.Р. Маликов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ №1-2 (68-69), Душанбе-2017 саҳ. 87-90. (ба забони тоҷикӣ).

[6-М]. Сифат ҳамчун ҳоли тарзи амал дар забонҳои тоҷикӣ ва франсавӣ / А.Р. Маликов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ №2 (85), Душанбе-2020 саҳ. 59-61.

[7-М]. Прилагательное в функции сказуемого в таджикском и французском языках / А.Р. Маликов // Паёми Донишгоҳи миллӣ №5, Душанбе-2022. саҳ. 167-172.

Бинобар ин, ҷаласаи муштараки кафедраи забони франсавии факултети забонҳои романӣ-германии Донишгоҳи давлатии омӯзгории

Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии факултети забони англисӣ ва забонҳои шарқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ диссертатсияи Маликов Абдулвоҳид Расулҷоновичро дар мавзуи «Таҳлили луғавӣ-семантикии сифатҳои аслӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ (бар мабнои маводи адабиёти бадеӣ)» аз рӯйи ихтисоси 10.02.20.- Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ барои дифоъ ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология тавсия менамояд. Иштирок доштанд: 20 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор»- 20 нафар, «зид»-нест, «бетараф»-нест. Қарори №4 аз 23.11.2022.

**Раиси ҷаласа:**
Мудири кафедраи забони франсавии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ, д.и.ф., дотсент Султонзода С. А.

Мудири кафедраи забоншиносӣ
ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ, н.и.ф. Асламов Ҳ. А.

**Котиби ҷаласа:**
Номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони
кафедраи забони франсавии ДДОТ
ба номи Садриддин Айнӣ Бойматова Д. М.

Имзоҳои Султонзода С. А., Асламов Ҳ. А. ва Бойматова Д. М.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода Абдукарим

**Нишонӣ:** 734003, ш.Душанбе, Хиёбони Рӯдакӣ 121
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
Тел.: +992 (37) 224 -13-83
WWW: www.tgpu.tj
E-mail: info@tgpu.tj
25.11.2022